«Мувофиқа карда шуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ
Протоколи №12
аз «26» 12 соли 2022

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Кумитаи ҳифзи
муҳити зисти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________ Шерализода Б.А.

аз « » _______соли 2022

# Н О М Г Ӯ И
## масъалаҳои назоратие, ки тибқи онҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи муҳити зист санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист гузаронида мешавад.

| № | Номгӯи масъалаҳои назоратӣ | Ҷавобҳо | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳа | Не | |
| Фаъолияти назоратӣ | | | | |
| 1 | Мавҷудияти иҷозат ва меъёри ҳадди ақали партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, об, пармакунии чоҳҳои обгирӣ, барои ҳосилшавӣ ва ҷойгиронии партовҳо, аз ҷумла партовҳои хатарнок ва дигар моддаҳои ба муҳити экологӣ таъсиррасонанда, шарту талаботи иҷозат ва иҷозатномаҳо риоя карда шудаанд. | | | |
| 2 | Таҳия ва иҷрои чорабиниҳо ҷиҳати муваффақ шудан ба меъёрҳои муқарраршуда оид ба муҳити зист ва барқароркунии сарватҳои табиӣ | | | |
| 3 | Меъёрҳои ҳадди ҷоизи партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист аз манъбаҳои доимӣ ва ҳаракаткунанда, мавҷудият ва ҳолати дидбонгоҳҳои назорати ҳолати ҳавои атмосфера, ҳамчунин шартҳо ва тартиби партофтани ин моддаҳо тавассути оби ҷорӣ ва дигар барандагон риоя шудааст. | | | |
| 4 | Иҷрои вазифаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, барқароркунӣ ва омӯзиши захираҳои табиие, ки дар Барномаи иқтисодӣ ва тараққиёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, таъмин карда шудаанд. | | | |
| 5 | Риояи истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, сари вақт ва бо сифат иҷро кардани маҷмӯъи чорабиниҳои зарурӣ оид ба пешгирӣ ва бартараф кардани ифлосшавӣ тавассути партовҳои исттеъмолӣ ва истеҳсолӣ, партовобҳои ҷорӣ, ботлоқшавӣ, ҳамчунин вайрон кардани замин ҳангоми истифодаи сарватҳои замин, иҷрои корҳои сохтмонӣ, геологӣ, кофтуковӣ ва корҳои ба инҳо монанд. | | | |